ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз
11 декабри соли 2025, № 22

**Барои сазовор донистани Ҳабибзода Назира Халил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ 02 октябри соли 2025, №20 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов – 3, толори Шурои диссертатсионии Академияи ВКД ҶТ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Ҳабибзода Назира Халил 07-уми январи соли 1967 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1996 ба шуъбаи ғоибонаи (таҳсилоти дуюми олӣ)-и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, онро соли 2000 хатм намудааст.

Аз соли 1997 то соли 2013 ба ҳайси лаборанти калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ; аз соли 2013 то 2024 лаборанти калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ; аз соли 2024 ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият менамояд.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025, №11 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судии» Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

– **Салимов Баҳромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Ҳамроев Ш.С. – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ- назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. мудири кафедраи хуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Назарзода Р.Г. ва котиби ҷаласа, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Холзода А., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И.Р. санаи 05 ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Хабибова, Б.Х. Проблемаҳои муайянкунии мафҳум ва мазмуни тавсифи криминалистии худкушӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 259-266; ISSN 2414-9217.

[2-М]. Хабибова, Б.Х. Ташкил ва гузаронидани пурсиши ҷабрдида дар ҳолатҳои ба худкушӣ расондан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 229-233; ISSN 2410-2903.

[3-М]. Ямакова, З.Д., Хабибова, Б.Х. Освидетельствование [Текст] / З.Д. Ямакова, Б.Х. Хабибова // Государствоведение и права человека. – 2021. – №2 (22). – С. 232-238; ISSN 2414-9217.

[4-М]. Ямоқова, З.Д., Ҳабибзода, Н.Х. Хусусиятҳои тафтишоти ба худкушӣ расонидани ноболиғон бо истифода аз Интернет [Матн] / З.Д. Ямоқова, Н.Х. Ҳабибзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №2 (66). – С. 100-107; ISSN 2412-141X.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[5-М]. Носирзода, М.Б., Хабибова, Б.Х. Осмотр места происшествия [Текст] / М.Б. Носирзода, Б.Х. Хабибова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2017. – №3 (19). – С. 145-149; ISSN 2307-5198.

[6-М]. Хабибова, Б.Х. Тактикаи азназаргузаронии тафтишӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 309-310.

[7-М]. Ямоқова, З.Д., Хабибова, Б.Х. Хатогиҳои хосси (типии) эксперт, сабабҳо ва роҳҳои бартараф кардани онҳо [Матн] / З.Д. Ямоқова, Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят». – Душанбе, 2018. – С. 11-17.

[8-М]. Хабибова, Б.Х. Масъалаҳои криминалистии шаҳодаткунонӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ»». – Душанбе, 2019. – С. 203-204.

[9-М]. Хабибова, Б.Х. Вазъиятҳои маъмулии тафтишотӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти авбошӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва

«Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2020. – С. 183-184.

[10-М]. Хабибова, Б.Х. Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми ба худкушӣ расонидан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода», 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2021. – С. 681-685.

[11-М]. Хабибова, Б.Х. Вонамудкунонӣ (инссенировка) дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон». – Душанбе, 2022. – С. 328-338.

[12-М]. Хабибова, Б.Х. Шахсияти ҷинояткор ҳамчун унсури тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии академики АИ ИҶШС Б. Ғафуров. – Душанбе, 2023. – С. 205-209.

[13-М]. Хабибова, Б.Х. Масоили мубрами вонамудкунонии ҷиноятӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 369-373.

[14-М]. Хабибова, Б.Х. Понятие самоубийство [Текст] / Б.Х. Хабибова // Материалы международной научно-теоретической конференция на тему: «Теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане», посвященной празднованию дня прав человека 5-го декабря 2023 года. – Душанбе, 2023. – С. 668-674.

[15-М]. Хабибова, Б.Х. Особенности осмотра места происшествия самоубийств посредством отравлении [Текст] / Б.Х. Хабибова // Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040 годы)». – Душанбе, 2024. – С. 437-441.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Despite** 

Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Ғафорова Ш.А.** – муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент;

**Диноршоҳ А.М.** – муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Муаллиф метавонад ҷадвалҳо ва диаграммаи бештар илова кунад, ки хонанда ба осонӣ равандҳои содиршавии ҷиноят ва аломатҳои он ва амалияи тафтишро дарк кунад.

2. Дар баъзе бобҳо манбаъҳои адабиёт ва қонунгузории хориҷӣ зиёд пешниҳод карда шуда, аз адабиётҳои ватанӣ кам истифода бурда шудаанд, тавсия дода мешавад, ки бештар минбаъд зимни таҳқиқотҳои илмӣ аз адабиётҳои ватанӣ низ истифода карда шаванд.

3. Дар рисола, ба омилҳои иҷтимоӣ ва равонии (психологии) пешгирӣ аз худкушӣ диққат дода, тавсияҳои амалӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои иҷтимоӣ пешниҳод гарданд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шуд:** хусусиятҳои криминалистикии кушторҳое, ки, ҳамчун худкушӣ вонамуд шудаанд, ба инобат гирифтани унсурҳои зерин муҳим ба шумор меравад: а) усулҳои содир намудан ва пинҳон кардани ҷиноят; б) механизми идентификатсияи пайҳо (тасаввуроти умумӣ дар бораи пайҳои ҷиноят); в) маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор; г)

маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдида ва робитаи ӯ бо ҷинояткор;

**пешниҳод шудааст:** тактикаи пурсиш дар ҳолатҳои худкушӣ. Муфаттишон бояд на танҳо барои ҷамъоварӣ кардани далелҳо, балки ба эҳсосот, ҳолати ҷисмонӣ ва психологии ҷабрдидагон ва шоҳидон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намоянд, то ин ки ба онҳо зарари иловагӣ нарасонанд. Истифодаи усулҳои махсуси равонӣ аз ҷониби муфаттиш, эҳтиром ба таҷрибаи шахсии мутахассисон, ҳамкорӣ бо равоншиносон ва коршиносон ба гузаронидани пурсишҳои боз ҳам беҳтар мусоидат намуда, ҷиҳати тафтиши дурусти ҳодисаҳои худкушӣ ва нигоҳ доштани эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим аст;

**исбот шудааст:** аломатҳои тавсифи криминалистикии худкуширо чунин метавон тавсиф кард: 1) тарзи содир шудани ҳолати (далели) ҳодисаи худкушӣ; 2) маҳал ва ҳолати содиршавии ҳодиса; 3) вақти содир шудани ҳодисаи худкушӣ; 4) шахсияти ҷабрдида (зарардида); 5) шахсияти таъсиррасон (таъсири беруна); 6) нишонаҳои (осорҳои) ҳодисаи худкушӣ;

**ҷорӣ намудан:** ба Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷозат дода шавад, ки қабл аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ташхиси судӣ-тиббии ҷасадро таъин ва гузаронанд. То оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар асосҳо вуҷуд дошта бошанд, ки баъзе аз далелҳо барои муайян кардани ҳолатҳои ҷиноят аҳаммият доранд ва мумкин аст, ки ин далелҳо аз байн раванд ё санҷида нашаванд, таҳқиқи онҳо метавонад то оғози парвандаи ҷиноятӣ бо истифода аз дигар воситаҳо таъин карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашударо метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба тафтиши ҳодисаҳои худкушӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ, ба монанди «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», инчунин, дар мавриди гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва дарсҳои амалӣ ба таври фаровон метавон истифода кард.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии криминалистика, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи тафтиши ба худкушӣ расондан инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ

пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд;

**баён шудани** вақти ҳодисаи ба худкушӣ расондан низ барои тафтиши криминалистикии судӣ аҳаммияти хосса дошта, ин самт дар илми криминалистика фарогири масъалаҳои баҳсталаби зиёд буда, дар диссертатсия онҳо ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудаанд;

**ошкор гардидани** намудҳои зерини психотипҳои худкушӣ: 1) психотипи истероидӣ (намоишкорона) – шахсони дорои ин навъи психотип майли зиёд ба худпарастӣ (нарсиссизм) дошта, пайваста дар назди дигарон талош меварзанд, ки арзишмандии худро нишон диҳанд; 2) психотипи эпилептоидӣ – одамони ин гурӯҳ гӯё дорои хусусиятҳои манфии хос буда, он ба таври ногаҳон «ба берун баромада», дар натиҷа шахс ба рафтори зиддиҷамъиятӣ шуруъ менамояд; 3) психотипи параноидӣ – ин тоифаи одамонест, ки дар натиҷаи нокомии орзуҳои худ, метавонанд бо истифода аз усулҳои гуногун даст ба худкушӣ зананд. Метавон гуфт, ки одамони психотипи мазкур тамоми умри худро ба амалӣ намудани ягон орзую ақида бахшида, дар сурати ноком гардидан, чунин ҳолат онҳоро байни маргу зиндагӣ қарор медиҳад. Аксар вақт чунин шахсон бо вуҷуди он ки ба худкушӣ майл доранд, дар фарқият аз худкушии эгоистӣ (худпарастона) онро то охир амалӣ намекунанд. Худкушии эгоистӣ (худпарастона), одатан бо эҳсосоти шадиди ҷисмонӣ ва маънавӣ дар якҷоягӣ ба миён меояд. Чунин худкушӣ зери таъсири эҳсосоти қавӣ амалӣ гардида, азми қатъиро тақозо менамояд. Дар чунин ҳолат, одатан муҳаққиқон иброз медоранд, ки ба шахсони психотипи мазкур бемории заъфи асаб, аксуламали эҳсосотии дарднок хос мебошад;

**омӯхта шуданд:** паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ оид ба масъалаҳои мубрами криминалистикии ба мавзуи таҳқиқшаванда;

**аз нав такмил додани** ҷанбаҳои техникиву равонии тафтишот барои такмил бахшидани тактикаи амалиёти тафтишотӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд: таҳия ва татбиқи тавсияҳои ягонаи методӣ оид ба баррасии амалҳои худкушӣ, ки хусусиятҳои ин категорияи ҳолатҳоро ба инобат мегиранд. Ин ҷо дастурамали дақиқ оид ба сабти изҳо, муайян кардани сабабҳои марг ва аломатҳои эҳтимолии зӯроварӣ дар назар дошта мешавад. Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ на танҳо изҳои ҷисмонӣ, балки ҳолати равонӣ ва эмотсионалии атрофиён низ бояд ба инобат гирифта шаванд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳо аломатҳо, нишонаҳо ва омилҳои хавфноки худкушӣ ва ҳамчунин усулҳои муосири криминалистикӣ

ва равониро муайян мекунанд. Ин таҳқиқот пешниҳодҳои амалӣ барои пешгирӣ ва бартараф кардани хатари худкушӣ, баланд бардоштани сифати тафтиш ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои иҷтимоӣ фароҳам меорад. Ҳамаи ин хусусиятҳо арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро афзун намуда, ба истифодаи натиҷаҳо дар амалӣ намудани чораҳои пешгирӣ ва такмили методикаҳои тафтиш мусоидат мекунад;

**муайян карда шуданд, ки** аломатҳои мушаххаси таъсиргузор ба содиршавии худкушӣ ба таври зайл метавон онҳоро тавсиф намуд: фишори шифоҳӣ: таҳдид, таҳқир, манипулятсия, тарсондан; фишори равонӣ: муносибати бераҳмона, таҳқир, саркӯбии ирода ва мустақилият; муносибатҳои вобастагӣ, ки дар зери таъсири бартарии молиявӣ ё эҳсосӣ ташаккул ёфтаанд; поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, яъне таҳдид ба фош кардани маълумоти шахсӣ, ки ба боиси шармандагӣ ва ё гунаҳкории шахс мегардад;

**коркард карда шуд: ба кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ** моддаи 208[1] бо мазмуни зерин ворид карда шавад:

Моддаи 208[1]

1. Барои муайян намудани ҳолатҳое, ки ба ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ марбутанд, муфаттиш бояд пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин намудани экспертизаро амалӣ намояд.

2. Асос барои таъин намудани чунин экспертиза зарурати дарёфти маълумоти пешакӣ ё далелҳое мебошанд, ки барои оғози парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим доранд.

3. Таъин кардани экспертиза пеш аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дар асоси дархости муфаттиш ё дигар мақомоти ваколатдор амалӣ мегардад.

4. Натиҷаҳои экспертиза дар хулоса инъикос меёбанд, ки бар асоси он қарор дар бораи оғози (ё оғоз накардани) парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад. Хулосаи экспертиза метавонад дар ҷараёни тафтишот ва дар суд истифода гарданд.

5. Агар натиҷаҳои экспертиза аломатҳои ҷиноятро нишон диҳанд, ин асос барои қабули қарор оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ мегардад.

**муаррифӣ карда шуд:** ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба андешаи муаллиф масъалаҳои зерин бояд таҳқиқ карда шаванд: 1. Оё марг дар натиҷаи худкушӣ рух дода буд? Чӣ сабаби ин кирдор шуд? 2. Қурбонии ин ҷиноят кист, ӯ бо чӣ кор машғул буд? 3. Худкушӣ кай содир шудааст ва дар ин вақт гумонбаршудаи ба худкушӣ расондан дар ҷойи ҳодиса қарор дошт? 4. Худкушӣ дар куҷо содир шудааст? 5. Усули худкушӣ чӣ гуна аст ва ҷабрдида аз кадом асбоб (олот) истифода бурдааст? 6. Кӣ сабаби ба

худкушӣ расондан гардидааст, чанд нафар дар содир кардани он иштирок кардаанд? 7. Ҷабрдида ба ҷойи ҳодиса чӣ гуна расид? 8. Дар ҷойи ҳодиса ва бадани ҷабрдида чӣ гуна изҳоро метавон пайдо кард? Кадоме аз ин изҳо метавонанд зуд аз байн раванд?

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажуҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти тафтиши ба худкушӣ расондан андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд;

**барои корҳои таҷрибавӣ:** ба пурсиши шоҳидон ҳангоми кор ба парвандаҳои марбут ба худкушӣ, муфаттиш бояд ба таври ҷиддӣ омодагӣ бинад. Дар ин ҳолат, чунин ҷанбаҳои муҳимми раванди мазкур бояд ба инобат гирифта шаванд: таҳлили ҳамаҷонибаи маводи парванда, ки дар раванди пурсиш ҷамъоварӣ шудаанд; дақиқ дарк намудани мақсад, предмет ва вазифаҳои пурсиш; риоя намудани тартиби пурсиш: муайян кардани вақт ва ҷойи пурсиш, тарзи даъват кардани шоҳидон ва навбати онҳо; омӯзиши шахсияти шоҳид бо мақсади гирифтани маълумоти зарурӣ аз ӯ; омодагӣ ба пешниҳод кардани далелҳои шайъӣ ва дигар далелҳо, ки дар рафти пурсиш метавонанд, истифода шаванд; даъвати мутахассисони зарурӣ, ки ҳузури онҳо дар ҷараёни пурсиш тибқи қонун ҳатмӣ мебошад (масалан, ҳузури равоншинос ҳангоми пурсиши шоҳидони ноболиғ); маслиҳат аз мутахассисон (дар ҳолати зарурӣ), ки дар раванди тафтиши парванда мумкин аст, ҷалб карда шаванд; истифодаи воситаҳои техникӣ (сабти пурсиш тавассути асбобҳои сабти овоз ё видео); ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор барои истифодаи маълумоти оперативӣ, агар ин зарурат бошад; интихоби усулҳои самараноки таъсирбахш барои шоҳидони алоҳида;

**ғоя асоснок шудааст, ки** экспертизаи судӣ бо дарназардошти вазифаҳои асосии он дар раванди тафтиш нақши муҳимро дорост: аввало, барои муайян кардани кадом навъи экспертиза ба муассисаҳои дахлдори экспертизаи судӣ бояд мурочиат намуд, то онҳо дар муайян намудани навъи экспертиза кумак кунанд; дуюм, аҳаммияти хулосаҳои коршинос талаб мекунад, ки назария ва методологияи таҳқиқоти экспертӣ таҳия карда шавад; сеюм, фаъолияти амалии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мутахассисони дорои дараҷаи баланди касбияти экспертӣ ниёз бештар дорад;

**муайян шудаанд:** Экспертизаи судӣ-тиббӣ дар муайян кардани аломатҳои зерини худкушӣ асос мегардад: 1) марги ногаҳонӣ (зуд, тез

фарорасанда). Марги шадиди асфиксиалӣ – ин маргест, ки дар нарасидани оксиген ба бадан ба амал меояд, ки он боиси нафастангӣ мегардад. Ин раванд аз сабаби баста шудани роҳи нафас зуд анҷом меёбад. Чунин ҳолат таҳқиқи фаврии тиббиро талаб мекунад; 2) мавҷудияти ожангҳои чуқур (ҷойгиршавии захмҳо, кушодагӣ, чуқурии нобаробар);

**истифода шуданд:** дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳодисаҳои ба худкушӣ расондан, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуданд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ то сатҳи навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 декабри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Ҳабибзода Назира Халил дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 9 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар аъзоёни Шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 9нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назарзода Н.Ҷ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Сафарзода Ҳ.С.**

11 декабри соли 2025